**ҚАРОРИ**
**ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-056 назди**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**
аз 28.03.2023, протоколи № 3

дар бораи ба шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон Каримов Сорбон Каримович додани дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.04.07 – Физикаи ҳолатҳои конденсӣ

Шӯрои диссертатсионӣ рисолаи Каримов Сорбон Каримовичро дар мавзӯи «Сохтор ва хусусиятҳои физикию механикии пардаҳои полимерии бо кристалли моеъ диспергиронидашуда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.04.07 – Физикаи ҳолатҳои конденсӣ (роҳбари илмӣ - доктори илмҳои физикаю математика, мудири лабораторияи физикаи Маркази илмии Хуҷанди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Абдуманонов Абдуалӣ, Мушовири илмӣ- доктори илмҳои физикаю математика, дотсент, мудири кафедраи физикаи ҳастаи ДМТ Махсудов Барот Исломович), шунида ва муҳокима карда, тақризи муассисаи пешбар, баромади муқарризони расмӣ - доктори илмҳои физикаю математика, профессори кафедраи физикаи нимноқилҳо ва полимерҳои Донишгоҳи давлатии Узбекистон ба номи М.Улуғбек Холмуминов Абдулфатто Ахатович, доктори илмҳои химия, профессор, ходими пешбари лабораторияи химияи пайвастагиҳои баландмолекулии Институти химияи ба номи В.И.Никитини АМИТ Муҳидинов Зайниддин Қамарович, баромади аъзоёни Шӯрои диссертатсионӣ, ки мутахассиси ихтисоси рисолаи баррасишаванда мебошанд, д.и.ф.м., профессор Д.Қ. Солиҳов, Ҳ.М. Абдуллоев, д.и.ф.м., дотсент Д.М. Акдодов ва д.и.ф.м., профессор Қ. Комилов -ро шунида

**ҚАРОР ҚАБУЛ кард**

1. Рисолаи Каримов Сорбон Каримовичро дар мавзӯи «Сохтор ва хусусиятҳои физикию механикии пардаҳои полимерии бо кристалли моеъ диспергиронидашуда» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.04.07–Физикаи ҳолатҳои конденсӣ кори илмӣ-таҳқиқотии баитмомрасидаи дорои навгониҳо ва натиҷаҳои илман асоснокшуда буда, ба талаботи параграфи 2, бандҳои 10 ва11 -и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, професор)» (қарори Ҳукумати ҶТ аз 26.11.2016, №505)-и Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки нисбат ба рисолаҳои номзадӣ муқаррар шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

2. Интишороти унвончӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни рисоларо дуруст инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд.
3. Ба Каримов Сорбон Каримович дараҷаи илмии номзади илмҳои физика ва математика аз рӯи ихтисоси 01.04.07–Физикаи ҳолатҳои конденсӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиш карда мешавад, ки ба Каримов Сорбон Каримович дипломи номзади илмҳои физикаю математика аз рӯи ихтисоси 01.04.07 – Физикаи ҳолатҳои конденсӣ дода шавад.

Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,
6D.КОА.056, д.и.ф.м., профессор Қ. Комилов

Котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,
6D.КОА.056, н.и.ф.м., дотсент З.З.Исломов